# Беҳбудиро металабад

Дар мамлакати мо дар бобати амалӣ гардондани Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо корҳои калоне ба иҷро расонда шудаанд ва мешаванд. Аз он ҷумла, дар соҳаи таълим сохторҳое пайдо шуданд, ки тамоман нав мебошанд. Ба ҷумлаи онҳо коллеҷҳои касбу ҳунар, литсейҳои академӣ, бакалавриат ва магистратураро шомил гардондан мумкин аст. Дар айни замон барои бо кадрҳои соҳибмалака ва маводи замонавӣ таъмин кардани муассисаҳои таълимӣ ҳам диққату эътибор калон аст ва ин масъала ҳамеша дар маркази диққату эътибори рукнҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатии ҷумҳурият қарор дорад.

Рукни қонунбарории ҳокимияти давлатӣ низ барои дар ҳаёт бомуваффақият татбиқ гардидани Қонуни таълим ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо пайваста ғамхорӣ зоҳир мекунад. Дар маҷлисҳои кумитаву комиссияҳои дахлдори Олий Маҷлис ин масъала мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Аз он ҷумла, кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои илм, таълим, фарҳанг ва варзиш дар маҷлисҳои январӣ ва декабрии соли гузаштаи худ рафти иҷрои Қонуни таълим ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, тавсияҳои дахлдори худро оиди бартараф сохтани камбудиву хатоҳои мавҷуда дар ин соҳа дода буд. Ва маҷлиси ба қарибӣ барпошудаи кумитаи мазкур ба иҷрои қарорҳое бахшида шуд, ки дар маҷлисҳои соли гузаштаи он қабул гардида буданд.

Аъзоёни кумита масъалаҳои рафти таъмин будани муассисаҳои таълимиро бо китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, дастурҳо, адабиёти таълимиву равишомӯзӣ, бадеӣ ва дигар адабиётҳо дар пойгоҳи талабҳои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ва Қонун «Дар бораи таълим» дар вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурият, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд мавриди муҳокима қарор доданд. Зикр гардид, ки дар вазорату кумитаҳо ва идораҳои дахлдори ин масъала корҳои муайян ба иҷро расонда шудаанд. Ҳокимияти маҳаллӣ тадбирҳои амалиро оид ба таъмин будани муассисаҳои таълимӣ бо китобу адабиёти зарурӣ, дастурҳо андешида, ҷомаи амал мепӯшонанд. Дар тӯли соли таҳсили 2001-2002 Кумитаи давлатии матбуот 263 номгӯй китобро бо теъдоди 25 миллион нусха аз чоп баровардааст. Хонандагони синфҳои якуми мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, хонаҳои меҳрубонӣ ва мактаб-интернатҳои махсус бо китобҳои дарсӣ ройгон таъмин карда мешаванд. Дар бобати бо теъдоди зарурии адабиёт таъмин кардани хазинаи китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ корҳои муайян ба иҷро расонда шудаанд.

Вале корҳоро оид ба таъмини мактабҳо бо китобҳои дарсӣ, маводи равишомӯзӣ мувофиқи талаби замон гуфтан мумкин нест ва он беҳбудиро металабад. Минҷумла, фаъолияти «Ӯздавкитобсавдотаъминот» беҳбудии куллиро тақозо дорад. Бо айби шабакаҳои ин ташкилот дар вилоятҳо дар бобати таъмин будан бо китобҳои дарсӣ ба камбудиҳо роҳ гузошта мешавад. Масалан, дар синфҳои нуҳӯми мактабҳои вилояти Қашқадарё 56 ҳазор нафар хонанда таҳсил мекунад. Ҷамъияти саҳҳомии «Қашқадарёкитобсавдо» барои ин хонандагон ҳамагӣ 2-4 ҳазор нусха китобро харид кардаасту на ҳамааш фурӯхта шудааст.

Дар маҷлиси кумита зикр гардид, ки қарорҳои пештар қабулкардаи он ғайриқаноатбахш иҷро гардидаанд ва як қатор тавсияҳо оид ба пурра дар ҳаёт татбиқ кардани онҳо дода шуданд.

**(Хабарнигори мо).**



# Иқдоми диллпуронаи тайлоқиён

Тайлоқ ноҳияи аз ҳама ҷавони вилояти Самарқанд ба ҳисоб меравад. Ноҳия қариб ҳамсинну соли истиқлолият аст. 9 апрели соли 1992 созмон ёфтааст. Яъне даҳ сол боз арзи ҳастӣ мекунад.

Ноҳияи Тайлоқ беш аз сад деҳа иборат буда, 135 ҳазор аҳолӣ ҳаёт ба сар мебаранд ва онҳо намояндагони 28 миллат буда, аҳлу тифоқ зиндагӣ мекунанд, неъматҳои зиндагониро якҷоя меофаранд. Ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ ва чорводорӣ тахассуси асосии меҳнаткашони ноҳияро ташкил медиҳад. Вале ин маънои онро надорад, ки ноҳия танҳо маҳсулоти кишоварзӣ мерӯёнад. Дар ин ҷо маҳсулоти саноатӣ ҳам мебарояд. 5 корхонаи калони азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ бомуваффақият фаъолият пеш мебарад.

Дар ҳудуди ноҳия боғҳои «Давлатобод» ва «Боғизоғон» ҷойгиранд, ки асосгузори он Амир Темури бузург аст. Аз ин рӯ решаҳои амиқи таърихиро молик аст, сарзамини ноҳия.

Дар ноҳияи Тайлоқ дар давоми сол бардоштани ду-се ҳосил аз як қитъа ба ҳукми анъана даромадааст. 500 хоҷагии фермерии ноҳия дар бобати пайваста вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот саҳми калон мегузоранд.

Агар дар бораи ноҳияи Тайлоқ сухан равад, баробари одамони меҳнатқарину софдилаш номи кишмиши сафеди он, консервҳои сабзавот, машруботи гуногунноми дар корхонаҳои саноатии он офаридашавандаро ба забон мегиранд. Ва ин қабил маҳсулот на танҳо дар мамлакати мо, давлатҳои ҳамсоя, балки Россия, ИМА, Олмон, Фаронса, Англия барин мамлакатҳои ҷаҳон ҳам харидорони худро пайдо кардааст ва сол то сол теъдоди фармоиш ба ин маҳсулот меафзояд.

Дар бадали даҳ соли арзи ҳастии ноҳия дар боби ободонӣ, сабзу хуррамгардонӣ ҳам корҳои муайян ба иҷро расонда шуданд. Аз онҳо ҳамагон ифтихор мекунанд ва боварӣ доранд, ки минбаъд низ ин комёбиҳо муттасил афзуда, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ хизмат мерасонад.

**Дар сурат:** Тайлоқ ва тайлоқиён.

**Матн ва сурати Т. НОРҚУЛОВ (ӮзА).**

*Шарҳи рӯзнома*

# Эътирофи хизматҳои калон

Ҳафтаи гузашта дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавии ҷумҳурият Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ба Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон табдил додани Консерваторияи давлатии Тошканд» эълон гардид. Дар он чунин сатрҳоро мехонем: «Ба мақсади рушди минбаъдаи санъати мусиқии касбӣ дар мамлакатамон, нигоҳ доштан, амиқ омӯхтан ва таҳлили мероси бои фарҳангии халқамон, амалӣ гардондани тадқиқотҳои илмиву назариявӣ ва ба дараҷаи талаби айём таъмин кардани тайёркунии кадрҳои баландмалакаи мутахассисон бо назардошти махсусияти таълими мусиқӣ, ҳамчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди соҳа таклифи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, Иттиҳоди оҳангсозон, арбобони намоёни санъат ва аҳли ҷамъият дар бобати ба Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон табдил додани Консерваторияи давлатии Тошканд пазируфта шавад».

Ҳамин тавр, мувофиқи фармони мазкур Консерваторияи давлатии Тошканд ба худ мақоми ҷумҳуриро гирифт ва дар он акнун кадрҳои баландмалака аз саросари ҷумҳурият тайёр карда мешаванд. Яъне консерватория аз доираи мақоми маҳаллӣ баромада, мақоми ҷумҳуриро пайдо карду баҳои муносиб барои хизматҳои калони он дар бобати рушди фарҳанги ҷумҳурият мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Консерваторияи мазкур яке аз муассисаҳои куҳани на танҳо соҳаи мусиқӣ, балки таълиму тарбияи ҷумҳурият ба ҳисоб меравад. Зеро он аввалин донишкадаи мусиқӣ дар ҷамоҳири Осиёи Миёна ва Қазоқистон ба ҳисоб меравад ва ҳамагон хуб дарк кардаанд, ки дар тамоми комёбиҳое, ки дар мамлакатамон дар соҳаи санъати мусиқӣ ба даст омадаанд, алалхусус дар бобати офаридани асарҳои опера ва балет, мусиқии овозиву созӣ, таъсири он ба рушди эстрадаи замонавӣ ҳиссаи консерваторияе бузургу калон аст, ки таърихи 65-соларо молик мебошад. Хизматҳои калону бузурги ҷамоаи эҷодкори консерватория дар он мебошад, ки даҳҳо арбобони санъатамон, ки дар ин даргоҳи илм таҳсили илм кардаанд, аз саҳнаҳои ҷаҳон ҷо пайдо кардаанд, имрӯзҳо бошад, ҷавонони иҷрогар шарафи Ӯзбекистонро ҳимоя намуда, дар озмунҳои баобрӯи байналхалқӣ ғолиб меоянду дар хориҷа майлу шавқ нисбати дар мамлакатамон гузарондани ҷашнвораҳои мухталифи мусиқӣ пайваста баланд мегардад.

Дар айни замон Консерватория дар солҳои истиқлолият умри дубора дид. Зеро дар давраи сохти пештара фаъолияти муассисаи мазкури таълимӣ ҳам бо мафкура ва якҷонибагӣ фаро гирифта буд. Дар ин ҷо ҳам ба санъати миллии мусиқӣ диққату эътибори зарурӣ дода нашуд, махсусан ба санъати мақом, ки яке аз намунаҳои нодири фарҳанги мусиқии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, беписандӣ зоҳир гардида, масъалаи омӯзиш ва тарғиби он танҳо солҳои 70-ум таҳти фишори аҳли мусиқии байналхалқӣ ҳаллу фасл гардид ва танҳо баъди ба даст омадани истиқлолият он оммавият ва доманадорӣ пайдо кард.

Боз ба истифода супурдани бинои нави Консерватория, ки дар маркази шаҳри Тошканд воқеъ аст, воқеаи муҳим дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурият гардид. Кас дар ин бинои нав, ки бешак ҳар як касро ба ҳаяҷон меоварад, қадам партофта, беихтиёр нақши санъат дар ҳаёти инсоният, аз хусуси таъсири таъмири бекиёси мусиқӣ ба рӯҳи одамон фикр мекунад. Маҷмӯи нав ниҳоят мӯҳташаму ба худ хос мебошад. Дар ин ҷо ба ғайр аз синфхонаҳои бо асбобу ускунаи замонавии муҷаҳҳаз, боз чанд толори ҳунарнамоӣ мавҷуд аст. Акнун шароите барои омӯзгорон ва муҳассилин фароҳам оварда шудааст, ки онро бо пештарааш қиёс кардан мумкин нест. Алқисса, ин кошонаи маърифат ва нафосат ба диди аз ҳама нозук ва талаби аз ҳама волои замон ҷавобгӯст ва бешак ба мақсадҳои аз ҳама бузургамон, ба ошкор сохтани соҳибистеъдодҳо, нирӯи эҷодии ҷавонписарону духтаронамон хизмат мекунад, ки ҳаёти худро ба санъат бахшидаанд.

Ҳамин тавр, аҳамияти консерваторияро дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳуриятамон ва мамлакатамон ба назар гирифта, он Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон номида шуд ва ин номгузорӣ пеш аз ҳама ба дараҷа ба обрӯ, он вазифаҳое ҷавобгӯст, ки дар назди консерватория ва албатта, дар назди аҳли ҷамоаи он истодаанд. Ва фармон ӯҳдадор кардааст, ки таълими мусиқӣ ба дараҷаи боз ҳам баланд бардошта шавад. Аз ҳамин сабаб, Консерватория донишкадаи олии таълимии базавӣ аз рӯи ҳамаи самтҳои таълими мусиқӣ дониста шудааст. Вазифа пеш гузоштааст, ки имкониятҳои консерватория ба тарзи нав арзёбӣ карда, масъалаи кушоиши факултаҳо ва шӯъбаҳо оиди ба самту тахассусҳои нав баррасӣ карда шавад. Минҷумла, созмон додани дирексияи Вазорати фарҳанг, дар таркиби он «Қасри мусиқӣ» пешбинӣ гардидааст, ки ба онҳо толорҳои ҳунарнамоии кошонаи маърифат ва нафосат шомил гардонда мешаванд. Ташкил кардани факултаи санъати эстрадӣ, литсеи академӣ барои бачагони қобилиятнок, маркази илмиву тадқиқотӣ, Нашриёти «Мусиқӣ» ва ғайра дар назар дошта шудааст.

Имрӯзҳо фаъолият оид ба нигоҳ доштану ғанӣ сохтани мероси бебаҳои маънавии халқамон, аз он ҷумла дурдонаҳои мусиқӣ вазифаи муқаддас пиндошта шудааст. Он бояд бе каму костӣ ба насли оянда расонда шавад. Дар ин бобат ба худ мақоми Консерваторияи давлатии Ӯзбекистонро гирифтани ин кошонаи маърифат ва нафосат низ нақши калоне мебозад ва боварӣ ҳаст, ки ҷамоаи меҳнатии консерватория анъаноти гузаштагонро идома дода, онро бо мазмуну мундариҷаи нав ғанӣ сохта, дар бобати ба камол расондани соҳибистеъдодҳои нав меҳнати зиёдеро ба харҷ медиҳад, ба рушди минбаъдаи санъат хизмат мерасонад, комёбиҳои нав ба нави эҷодиро ба даст меоварад.

*Маъруф ОТАХОНЗОДА*

# Сайр ва кашфи Чодак

> ***«Мо ба ҳар як гӯшаи Ӯзбекистон назар афканем, ҳатман нишонаҳои аввалини ба дунё омадани инсониятро аз қаъри ҳазорсолаҳо мебинем. Дар ҳар қадам ба намунаҳои фарҳангу санъати қадима рӯ ба рӯ мешавем».***
>
> **И.А. КАРИМОВ,**
>
> **Президенти Ӯзбекистон. (Иқтибос аз суханронӣ дар ҷашни 2500-солагии шаҳри Тирмиз).**

Дар давоми ин чанд соли Истиқлолият (гарчи он барои таърих давраи ниҳоят кӯтоҳест), дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа таҳаввуллоти зиёд ба амал омад.

Кашфиёти таърихчиёни Ӯзбекистон (дар ҳамкорӣ ба ҳафриётчиёни фаронсавӣ) дар минтақаи Сӯхи вилояти Фарғона, ки ба номи ҳафриёти Ғори Соленғур машҳур шуд, дар арафаи ҷашни даҳсолагии истиқлолият анҷом пазируфт ва собит кард, ки ин мавзеъ аз марказҳои тамаддуни инсоният аст. Дар ин ҷо 1 миллиону 200 ҳазор сол қабл одамон буду бош доштаанд. (Нигаред: («Овози тоҷик» аз 5 V.2001. Хабарномаи М.О — «Дурдонаҳо аз қаъри таърих»). Дар бобати худшиносӣ ва худогоҳӣ иқдоми бемисл сурат гирифт. Номи садҳо нафар аз қаҳрамонони миллат, ки зери пардаҳои сиёҳи абри тира ва хираи «душмани халқ» ниҳон дар олами бенишон рафта буданд, аз нав зинда гардиданд. Таърихи кишвар, фарҳанги қадимаю оламгир аз нав тадқиқ ва таҳқиқ мешаванд. Даҳҳо нафар аз нобиғагонии илми ислом, тасаввуф, ки номашон дар Мағрибу Машриқ машҳуру дар диёри хеш «фаромӯш» монда буданд, вирди забонҳо шуданд. Бахшида ба эшон ҷашнвораҳои пуршукӯҳ барпо шуданд. Дини мубини Ислом дар мамлакат пойдор мегардад. Бахри ҳимоя намудани он, аз ғаразкорони дар ин ниқоб буда, аз ҷониби давлат тадбирҳо дида мешаванд.

Ал-Фарғонӣ, Марғинонӣ, Мотурудӣ, Имом Ал-Бухорӣ, Хоҷа Аҳмади Яссавӣ, Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, Ҳазрати Баҳоуддини Нақшбанд, Хоҷа Аҳрори Валӣ... кунун дар ҳар хонадон бо овози баланд ба забон гирифта мешаванд. Мусулмонон аз таълимоташон баҳравар ва аз рӯҳашон имдод мегиранд.

Месазад шукри даврон кард. Чунки маҳз ба шарофати Истиқлолият мероси гаронмояи аҳли тасаввуф, уламои сӯфия, ба халқ ва миллати хеш хидмат менамоянд. Амир Темури Курагон фармуда: «Ба панду андарзҳои Пири Комил Баҳоуддини Нақшбанд: «кам хӯрдану кам хобидан, кам сухан кардан»-амал намудам. Ба аркони давлат, ба кулли мулозимин ҳам чунин гуфтам: «Кам бихӯред-бою бадавлат зиндагӣ мекунед, кам бихобед-ба дараҷаи мукаммалӣ мерасед, кам гап занед-доно мешавед».

Бузургии Ҳазрати Баҳоуддин аз ин қитъаи МАШРАБ низ аён аст:

*Бухороро Бухоро метавон гуфт,*
*Баҳорашро зимистон метавон гуфт.*
*Баҳоуддин набошанд дар Бухоро,*
*Фарангу кофиристон метавон гуфт.*

Албатта, ин як руҷӯъ буд аз мавзӯъ, вале ҳикмате буд, пур аз манфиат.

* * * * * *

Дар мақолаи аввал аз бобати сӯҳбатҳои устод Васфӣ, дӯстони мавсуф Собир Абдулло ва Чустӣ сухан ронда, гуфта будем, ки дар яке аз чунин сӯҳбатҳо номи чанд шоирону машоихонро шунидаам; ки на пеш ва на баъди он ҳам дар бораашон ягон маълумот нашунида будам. Ва аз он афсӯс доштем, ки чаро бештар гуфтаю суруда, ривояту ҳикоятҳои таърихии аз эшон шунидаамро ёддошт накарда

мондаам. Онҳо таърихи зинда, доиратул-маорифе буданд, ки «нохонда» аз байн рафтанд...

Дар порчаи тарҷума аз романи С. Абдулло ки дар мақолаи аввал таҳти унвони «Мавлоно Муқимӣ дар Чодак» оварда будем, сухан аз «хитой ҳаким» ва табиби чодакӣ мерафт.

Ҳамон табибе, ки дар ҳамкорӣ бо хитой-ҳаким дар Чодак ба табобати аҳли деҳ машғул буд Мавлоно Муқимиро ба хонаи худаш меҳмонӣ бурд, шахси таърихӣ менамояд. Иқтибоси қаблиро аз шумораи гузаштаи рӯзнома ба ёд оред ва ба ин далел таваҷҷӯҳ намоед.

Дар пешгуфтори китоби «Ганҷинаи тиббӣ қадим», кидар ҳаҷми зиёда аз 600 саҳфа дар Душанбе ба табъ расида, хонандагони беадад дорад, сатрҳои зеринро дарёфтем: «...муаллифи китоб — Ҳомидҷон Зоҳидов аслан табиби авлодӣ мебошанд. Яъне, бобо ва падари ин кас табибони машҳури халқӣ буданду вале бо тақозои замона аз ин касб даст кашида, бо косибию зироат таъмини маош мекарданд. Вале тухми муҳаббатро ба тибби қадим дар дили Ҳомидҷон Зоҳидов ҳамонҳо кишта буданд ва аввалин китобҳои тиббие, ки Зоҳидов хондаанд, аз китобҳои падар ва бобо буд.»[1]

Дар ин хусус боз як далеле мавҷуд, ки баъдтар онро хоҳем овард. Алҳол мехостам сари ҳамон мавзӯъ боз чанд ҳарф бигӯям, то қадри ин давру айём, қадри гуфта тавонистани ҳақиқат баландтар намоён шавад. Ва, ҷавонон донанд, ки на бобоҳои чанд пушт гузашта, балки падару бобояшон дирӯзакак наметавонистанд гапи дар дил доштаашонро рӯйрост ба ҳамсӯҳбати худ бигӯянд.

...Дар идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» бисёр бузургони сухан кор кардаанд. Охиринашон Васфӣ, баъди он кас ҷонфидои ҳақиқии кори рӯзномаи он вақтҳо ягонаи ҷумҳур Раҳматҷон Норов, шаҳиди ғӯрамарг Ҳоҷиқурбони Ҳамидзода, сониян шодравон Хӯҷамурод Қӯлдошев (Авестой) ва Ҷонибеки Қувноқро медонем. Аммо дар байни мо боз як тан сарсупурдаи кори матбуот, шахсе, ки ҳамеша, ҳатто дарр мушкилтарин рӯзҳои зиндагӣ низ аз мутолиаи кутуб наметавонист дур бошад, аз сухан гуфтан бештар шуниданро авло медонист, Саъдихон-ака Солиев буданд. Муҳаррири он вақт Шавкат Ниёзов мегуфтанд, ки солҳои panҷоҳ, вақте, ки ин рӯзнома аз нав эҳё шуд, Саъдихонро ба вазифаи ҷонишини сармуҳаррир пешбарӣ мекунанд, аммо тарҷимаи ҳолашон «сиёҳие» дошт. Яъне, падари ин кас «ходими дин»-имом будаанд. Таъсири ин то охири умр дар он кас нақш дошт. Кам гап мезаданд. Хандаашон ҳам, бо садои паст-аз байни дандонҳояшон базӯр мебаромад... Сад афсӯс, ин марди сухан гуфтаниҳое дошт, ногуфта рафт...

Набихон Чустӣ гарчи аз меҳмонони ҳамешагӣ бошанд ҳам назди мо ҷавонон ҳама чизро рӯшод намегуфтанд. Гӯё аз чизе меҳаросиданд. Ҳамон номи машоихон — Қӯйлуқӣ, Кӯҳӣ, Кӯҳакиро аз онҳо шунида бошам ҳам, дар бораи онҳо чизе батафсил, (ғайри чанд намуна аз эҷодашон) нагуфта буданд. Ин сабаб дошт. Онро акнун идрок менамоям. Зеро Қӯйлуқӣ-яке аз намояндагони аҳли тасаввуф, мадфун дар мазори мавзеи Қӯйлуқи ҳозира будаанд. Он замон таъриф, ё тафсири ҳоли онҳо баробар ба «пропагандаи дин» буд, ки хилофи сиёсати ҳизби ҳоким — КПСС мебуд. Дигар сабаби «сӯҳбатҳои гӯшакӣ»-и онҳоро дар он дарёфтем, ки шоири ғазалсаройи ӯзбек Чустӣ аз авлоди Мавлоно Лутфуллоҳи Чустӣ будаанд. Барои тасдиқи ин фикр метавонед ба шаҷараи «Мавлоно Лутфуллоҳи Чустӣ» (нашриёти «Намангон». Соли. 1998) назар намоед.

Барои маълумот ёдрас мешавем, ки М. Лутфуллоҳ (1484-1571) дар Чодак ба дунё омада, дар ҳамон мадрасаи «Чилсутун», ки Мавлонон Муқимӣ онро зиёрат карда буд, таълими ибтидой гирифта, баъдан аз Маҳдуми Аъзам сабақ гирифтаанд. Ҳамчунон ба 13 иршодномаи Ҳазрат шарафёб гардида, муридони зиёде ба он кас даст дода будаанд. Барои мухтасаран фаҳмонидани дараҷаи заковату дониши он кас ҳамин қадар мегӯем, ки Бобур Мирзо Маҳдуми Аъзамро дуогӯй ва пири худ хонда эҳтироми бепоён дошт. Ҳатто «Бобурнома»-и худро аз Ҳиндустон ба он ҳазрат тӯҳфа фиристода буд.

...Ҳукмдори Тошканд Амир Бароқхон (а.XVI), ки ба номи Наврӯз Аҳмадхон низ шӯҳрат дорад, дар кори давлатдорӣ аз пири худ Мавлоно Лутфуллоҳ маслиҳат ва машварат мегирифт...

Ин номҳои муборакро мо нав мешунавем. Онҳо, ҳам илму адаб омӯхта буданду ҳам касб, аммо ҳеҷ кадом аз паи қироати пораю сурраҳои Каломи Шариф нон нахӯрда. Ҳангоми рӯ овардан ба каъбаи машоихини дини мубини ислом, ки бештари эшон аз Мовароуннаҳранд, маълум мешавад, ки ҳеҷ кадом аз онҳо танҳо ба мутолиаю азбар намудани Қуръони Карим иктифо накарда, ба талаботи он амал намудаанд. Байни мардум, тухми маърифат, илму дониш киштаанд. Риштаҳои дӯстии байни аҳли исломро истеҳком бахшидаанд. Аз ин ваҷҳ номи муборакаи онҳо вирди забон,арвоҳи эшон пуштибону мададгори мӯъминон. Аз Силсилаи шариф (Занҷири тиллоӣ), ки пешвои он Муҳаммад Алайҳиссалом (570-632) аст, Абӯбакри Сиддиқ (572-634), Салмони Форсӣ (вафот-655), Қосим ибни Муҳаммад (вафот-634), Ҷаъфари Содиқ (700-765), Боязиди Бастомӣ (в.с.961), Абул Ҳасани Ҳароқонӣ (в.1033), Юсуфи Ҳамадонӣ (в.1140) Аҳмад Ясавӣ, Абдухолиқи Ғиждувонӣ... аз эшон таълим гирифтаанд.) Абдулхолиқи Ғиждувонӣ (1103-1179), Хоҷа Ориф ар- Ревгарӣ ( машҳур ба номи Моҳи Тобон. а. XII-XIII. Шофирконӣ), Маҳмуд Анҷир ал-Фарғонӣ (а.12-13, вобкентӣ), Хоҷа Алии Рометанӣ (а.13-14), Муҳаммад Бобои Самосӣ (Аз Бухоро. вафот-1354), Саид Мири Кулол (а.14, Бухорой) Баҳоуддини Нақшбанд, Алоуддини Аттор ( Алоуддин Аттор ибни Муҳаммад ал-Бухорӣ. Мадфун дар Ҳисори шодмон. с.1400 Халифаи якуми Ҳазрати Баҳоуддин), Хӯҷа Порсо (ал-Бухорӣ, халифаи дуюми Ҳазрати Баҳоуддин, мадфун дар Мадина.с.1345-1419), Саъдуддин Қошғарӣ ( в.1456), Қусам шайх (а.14. мадфун дар Қаршӣ, аз машоихини туркӣ), Халил Ота (а.16. аз машоихини туркӣ. мадфун дар Нахшаб), Яъқуби Чархӣ (машҳур ба Мавлоно, мадфуд дар Душанбе — 1447), Убайдуллоҳ Аҳрор (1400-1448. тибқи маълумоти манбаъҳои таърих дар Боғистон (Бурҷимулло) ба дунё омадаанд ва мадфун дар Самарқанд).

Мавлоно Лутфуллоҳ дар Силсилаи шариф пайванди 18-ӯм. Набихон Чустӣ дар ҳалқаҳои мобаъд мутазаккир ва дар шаҷараи мазкур матбӯъ...

Бо ин ҳам оем, сари мавзӯъ-андар кашфи Чодак ва машоихин Кӯҳи, Кӯҳакӣ ва Қӯйлуқӣ, ки номашон як замон ба гӯш расидаву кунун баъди рӯшан шудани офтоби истиқлолият андак равшанӣ дид.

Он вақт, аниқтараш ду сол пеш аз ин бо тақозои тақдир маро сафари ҳамин Чодаки бостонӣ иттифоқ афтод. Ҳар чӣ дар ин бора пеш меомад, мехондам. Ҳамин тавр, китобчаи муаллими чодакӣ, дӯстдори табиат ва зодгоҳи хеш Ӯлмас Баҳромзода — «Чодак» (лавҳаҳо аз таърихи қишлоқ), ки дар Намангон ба табъ расида буд, дастрасам шуд. Дар он Баҳромзода менигорад:

«Рӯзе тағои муаллим Ҳомидҷон Зоҳидов, ки Мулло Ҳайдар ном дошт, ва дар аввалҳои аср хеле фишору тазйиқ дида буданд, аз тарс хеле китобҳоро дар халтаи аз матои пашмӣ сохташуда ҷой намуда дар яке аз сағонаҳо гӯр карда буданд. Баъдтар Ҳомидҷон-ака дар қабристон сағонаро ёфта онро боз намуда аз он халта китоберо, ки муаллифаш Кӯҳӣ тахаллус доштааст, мегиранду дигар китобҳоро боз дар ҷояш пинҳон намуда аз болояш мелованд.

Соли 1959 аз ин воқеа ман ҳам хабар ёфтам. Китоб аз ҷониби ҳамдиёри мо дар соли 1117 навишта шуда буд. Мунаққаш бо нақшу нигори зебо буд. Сарлавҳаҳо бо ранги сурх, лавҳи он ба ҳуруфоти куфӣ буда ранги сиёҳ дошт. Ин китоб, ки ба забони тоҷикии форсӣ иншо ёфта буд «Таърих ва тафсили Чодак» ном дошт ва таърихи иншои вай соли 537-и ҳиҷрӣ мутазаккир гашта буд.

Ин китоби нодир ва пурҳикмат ба чунин сатрҳо ҳусни оғоз дошт: «Чодак» дар поёни кӯҳи Зар, дар қадамҷои Бобо Юсуфи Ҳамадонӣ ҷойгир аст. Таърихи ин деҳа (дара) чор ҳазору чаҳор саду ҳаштоду чаҳор сол шудааст».

Муаллиф Ӯлмас Баҳромзода солҳои баъдинаро замима намуда мебароранд, ки Чодак беш аз 4525 сол дорад.

## Ҳофиз Қӯйлуқӣ ва Ҳофизи Кӯҳакӣ...

Ҳанӯз дар асрҳои XIV-XV мавзеи Қӯйлуқи имрӯза, канори шаҳри азими Тошканд, бозори калоне дар Роҳи азими абрешим байни Чочу Фарғона будааст. Бештар чорвои аз сӯи водӣ овардашуда дар ҳамин бозор савдо мешуд, ки ин ном аз ҳамон замон монда будааст. Пас, Қӯйлиқ-ато кист? Оё ҳамон Қӯйлиқӣ ва Кӯҳакӣ ки аз сӯҳбати устод Васфию Чустӣ ва Собир Абдулло шунида будам, ҳамин зоти шариф наянд?

Ривоёт ва манобеи таърих шаҳодат медиҳанд, ки дар як вақту замон дар Тошканд ду нафар машоих: — Ҳофиз Шайх Қӯйлиқӣ ва дигар — Ҳофизи Кӯҳакӣ зиста, дар роҳи ривоҷи Ислом, илм ба мардум хидмат намудаанд. Ҳофиз Шайхи Қӯйлиқӣ аз авлодони ашхоси азиз, аз сулолаи Ҳазрати Нӯғай отаи самарқандӣ, аз зумраи шайхҳои мӯътабари давр маҳсуб. Он ҳазрат дар замони амир Имомқули Баҳодурхон дар шаҳри Самарқанд соҳиби мансаби «Аълам» будаанд. (Аълам-дар илми шариат соҳибтахассусро гӯянд, ки дар ҳузури қозикалонҳо ин вазифа буд, яъне-мушовир, муфаттиш... — шарҳи муаллиф — М.О.) Модари эшон ба Бонукенти ҳамонвақта, ки баъдан Нӯғайқишлоқ ном гирифта, алҳол Ӯзгариш меноманд, келин шуда омадаанд, аз тарафи модарӣ бо он зоти муборак иртибот доранд. Ҳофиз Шайх Қӯйлуқӣ «Ҷаҳрияи яссавия»-ро азбар дошт ва онро ривоҷ бахшид. Аз ҳамин раҳ байни мардум маъруф ва мӯътабар гардид. Дар масҷиди Қӯйлиқ имом будаанд. Дар баробари зикру ибодати ҳамешагӣ дастгири бечорагон ва худ дар ин маҳал хонақоҳе низ сохтаанд. Он мӯътабар дар с.895 ҳ. (1475) аз олам гузашт. Мақбара ва мазори кунунии «Қӯйлиқ ота» дар замони истиқлолияти Ӯзбекистон, дар соли 1994 аз нав эъмор ва обод карда шудааст...

Баъзе аз таърихшиносон ҳофиз Шайх Қӯйлиқӣ ва Ҳофиз Кӯҳакиро яке донистаанд. Ҳол, ин буда аст, ки Ҳофиз Кӯҳакӣ ( ё худ Ҳофиз Кӯҳакии Тошкандӣ, дар қисмати дигари шаҳри Тошканд буду бош доштаанд. Алҳол ба номи «Маҳаллаи Ҳофиз Кӯҳакӣ» дар ноҳияи Собир Раҳимов маълум аст. Ҳофиз Кӯҳакӣ писари Мавлоно Камолиддини Паркатӣ, яъне набераи Алӣ Қушчии машҳур аст, ки мавсуф аз тариқи он бузургвор, яъне қиблагоҳи хеш ба Самарқанд иртибот дошт. Ҳамчунин мисли Ҳофиз Шайхи Қӯйлиқӣ муаллифи чандин рисолаву асарҳо ба мерос гузоштаанд.

Ҳар ин ду аллома аз оби дарёи он замон мусаффои дарёи Чирчиқ, ки аз назди бозори Қӯйлиқ мегузарад, нӯшидаанд. Дар омади гап бояд гуфт, ки он вақтҳо ин рӯдро дарёи Паррак мегуфтаанд...

*Дунё ба мисоли як сарое ду дараст,*
*Ҳар рӯз дар ин сарой қавме дигар аст.*

1. Ҳомидҷон Зоҳидов зодаи деҳаи Чодаки вилояти Намангони Ӯзбекистон аст. Бо тақозои тақдир аввал дар шаҳри Хуҷанд, баъд дар Душанбе кору зиндагӣ кард. Дар Чодак мадфун.. Китоби дигари ин муаллиф «Канзи шифо» аз нашриёти «Ирфон» дар ҳаҷми 719 саҳифа бори аввал дар соли 1991, дуввумин дар соли 1993 бо теъдоди 800000 нусха чоп шудааст. Алҳол ин асар бо супориши Вазорати нигаҳдории тандурустӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума мешавад.

**(Давом дорад).**

# Тавассути Роҳи бузурги абрешим

***Дар арафаи Конфронси дуюми байниҳукуматии ТРАСЕКА дар пойтахти Ӯзбекистон пойгаи автомобилии ёздаҳрӯзаи байни Гамбург-Варшава-Киев-Луганск-Волгоград, Астрахан-Аритов-Бейнов-Қӯнғирот-Нуқус-Бухоро-Тошканд ба анҷом расид, ки яке аз ташкилотчиёни он ширкати «Ӯзавтойӯл» буд.***

Дар рафти мулоқотҳое, ки ҳангоми амалӣ гардондани пойгаи автомобилӣ ба амал омаданд, масъалаҳои алоқаманди тайёрӣ ва гузарондани Конфронси байниҳукуматии ТРАСЕКА дар Тошканд мавриди муҳокима қарор гирифта, видеомаводҳо оиди пойга барои офариниши филми ҳуҷҷатӣ дар бораи Роҳи бузурги абрешим ба навор бардошта, гуфтушунидҳо дар вазорату идораҳои дахлдор ба амал омад.

Пойгаи автомобилӣ дар чор мошини хориҷисохт ба амал омада, дар бобати амалӣ гардондани лоиҳаи ба рӯи об баровардани тадқиқотҳои дар амал истифода бурдани маршрути мазкур нақши калоне бозид. Аз он ҷумла, ба андозаҳои байналхалқӣ то чӣ андоза ҷавобгӯ будани роҳ, кори умурҳои хизматрасонӣ ва амалӣ гардондани қавоиди гумрук бори дигар аз озмоиш гузашт.

# Тӯҳфа — компутер

***Дар Маркази санъати замонавии Тошканд маросими супурдани тӯҳфа — техникаи компутерӣ ба Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон ба амал омад.***

Низоми компутерии аз ҳама замонавӣ бо асбобу ускунаи комплектшавандааш беподош аз тарафи Бунёди фарҳанг ва санъати Куриё ба мақсади таҳким бахшидани заминаи моддиву техникӣ муассисаҳои зертобеаш ба Фарҳангистони бадей тӯҳфа карда шуд. Кӯмаки мазкур дар доираи барномаи тайёрӣ барои ба имзо расондани ҳуҷҷати ниятҳои ҳамкорӣ байни сохторҳои ба ҳам монанди ду мамлакат расонда шуд. Чунин иқдом баъди ба мамлакати мо омада рафтани Сармуншии бунёд ҷаноби Ра Чин Бе дар таркиби ҳайати вакилони фарҳанг ва санъати мамлакати мазкур ба Ҷашнвораи сеюми байналхалқии мусиқии «Шарқ тароналари» гузошта шуд ва дар доираи барномаи ҳамкории ӯзбекистониву куриёгӣ ҷомаи амал пӯшид.

Дар маросими супурдани компутерҳо раиси Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон Турсуналӣ Қӯзиев ва кормандӣ масъули дипломатии Сафоратхонаи Ҷумҳурияти Куриё дар Ӯзбекистон Ким Хинг Су иштирок намуданд ва баробари хайра мақдам гуфтани ин иқдом зикр намуданд, ки амали мазкури хайрот, ки ба ҷонибдории фаъолияти иттилооти дар соҳаи рушд, таблиғи санъат ва нигоҳ доштани мероси бои фарҳангӣ нигаронда шудааст, аҳамияти калон дорад. Онҳо ҳамчунин таъкид намуданд, ки ба туфайли чунин муносибатҳои мутақобила қирраҳо ва имкониятҳои нави самтҳои равобити дуҷонибаи пайваста инкишофёбандае кашфу фароҳам оварда мешаванд, ки анъаноти бисёрасринаи муколамаи ба ҳамдигар муфиди байнидавлатии иқтисодӣ ва фарҳангиро аз арзи ҳастӣ кардани Роҳи бузурги абрешим молик асту ба беҳдошти ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳои ду мамлакат хизмат мерасонад.

**Сергей ҚУРБОНОВ,**
**мухбири ОИ «Ҷаҳон».**

